Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон
734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешбинӣ гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050603 - Иқтисодиёти ҳудудӣ ба бандҳои дахлдор: 6; 11; 21 ва 25 мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосири ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ, рақобати афзояндаи кишварҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст. Барои кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузории мустақими хориҷӣ на танҳо манбаи иловагии маблағгузорӣ, балки воситаи интиқоли технологияҳои нав, таҷрибаи идоракунии муосир, рушди сармояи инсонӣ ва густариши иқтидори содиротӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатӣ муайян гардидааст. Дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид мегардад, ки беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ташкили муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиию меҳнатӣ бояд ба ҳадафи асосии идоракунии давлатӣ табдил дода шавад.

Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар сатҳи миллӣ, масъалаи нобаробарии минтақавӣ дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ то ҳол яке аз мушкилоти мубрами иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми зиёди сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои дорои инфрасохтори нисбатан рушдёфта ва имкониятҳои беҳтари бозорӣ равона мегарданд, дар ҳоле ки як қатор минтақаҳо, аз ҷумла баъзе шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, имкониятҳои худро пурра истифода намебаранд.

Вилояти Хатлон аз нигоҳи масоҳат, шумораи аҳолӣ, иқтидори аграрӣ, захираҳои табиӣ ва мавқеи ҷуғрофии худ яке аз минтақаҳои калидии кишвар ба шумор меравад. Ин вилоят дорои захираҳои

фаровони заминҳои корам, иқлими мусоид барои рушди кишоварзӣ, имкониятҳои бузурги рушди саноати коркард, энергетика, логистика ва савдои фаромарзӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба вилоят ҳанӯз ҳам мутаносиб ба иқтидори воқеии он нест. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки омилҳои маҳдудкунанда ва хусусиятҳои хоси минтақавии ҷалби сармоягузорӣ бояд бо усулҳои илмӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд.

Мубрамияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити тағйирёбии муҳити геоиқтисодии ҷаҳонӣ, аз ҷумла тағйири равандҳои сармоягузорӣ, афзоиши хавфҳои геосиёсӣ ва ноустувории бозорҳои байналмилалӣ, кишварҳо маҷбуранд стратегияҳои нави ҷалби сармояро таҳия намоянд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёташ ба воридоти сармоя ва технологияҳо эҳтиёҷ дорад, муайян намудани механизмҳои муассири ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар сатҳи минтақаҳо аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Бо ин асос, таҳқиқоти пешниҳодгардида на танҳо ба ғанигардонии заминаи назариявии иқтисодиёти худудӣ мусоидат менамояд, балки барои таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, рушди устувори вилояти Хатлон аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навоварии илмии диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтарсозии ҳамворакунии рушди фазоии минтақаҳо иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- дар таҳқиқот равиши муаллифӣ оид ба консепсияи «иқлими мусоиди сармоягузорӣ» дар сатҳи минтақаи мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, мавқеъ ва таъсири сармоягузориҳои ҷалбшуда дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ошкор карда шудааст. Муаллиф тавонистааст тафсири илмии хусусиятҳои муайянгардидаи ин равандро дар мисоли минтақаи алоҳида пешниҳод намояд, аз ҷумла омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодие, ки ба ташаккули муҳити сармоягузорӣ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, таҳлили институтсионалии нақш ва иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди хоҷагии минтақавӣ анҷом дода шуда, марҳилаҳои ташаккул ва такомули муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар вилоят пайгирӣ ва низомнок карда шудаанд;
- дар диссертатсия ҷанбаҳои мусбати ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки вилояти Хатлон аз рӯи ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ мавқеи пешсаф дошта, инчунин аз лиҳози иқтидори ҳисобшудаи гидроэнергетикӣ ва масоҳати заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад. Илова бар ин, минтақа дорои

захираҳои ғании маъданҳои фоиданок, имкониятҳои рушди саноати коркард, инчунин иқтидори назарраси сайёҳӣ ва фароғатӣ мебошад, ки заминаи мусоид барои густариши фаъолияти сармоягузорӣ фароҳам меорад. Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2015–2023 ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар вилоят тамоюли коҳиши нисбӣ дошта, қисми асосии сармоя аз кишварҳои берун аз доираи ИДМ, аз ҷумла Чин, Олмон, Ҷопон, Люксембург ва дигар давлатҳо ворид гардидааст. Муаллиф исбот менамояд, ки вилояти Хатлон аз рӯи сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ нисбат ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд ақибмондагӣ дорад. Ҳамзамон, дар дохили худи вилоят низ нобаробарӣ мушоҳида гардида, ба истиснои ноҳияҳои Данғара, Ёвон, Қубодиён ва шаҳри Бохтар, дигар воҳидҳои маъмурӣ ба такмили фаъолияти сармоягузорӣ ниёз доранд. Инчунин муайян карда шудааст, ки дар сохтори сармоягузориҳои ҷалбшуда ҳанӯз ҳам сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мавқеи бартаридошта доранд, дар ҳоле ки саҳми сармоягузориҳои портфелӣ ночиз боқӣ мемонад, ки ин ба зарурати диверсификатсияи шаклҳои ҷалби сармоя ишора менамояд.

- диссертант муайян намудааст, ки сатҳи пасти самаранокии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии «Кӯлоб» ва «Панҷ» бо фаъолнокии нисбатан баланди ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ «Данғара» ҳамоҳанг нест. Ин номувофиқатӣ зарурати бознигарии сиёсати рушди минтақаҳои мазкур ва баррасии имконияти таъсиси минтақаҳои нави озоди иқтисодиро ҳамчун механизми муҳими фаъолгардонии воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ асоснок месозад. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, роҳандозии таҳияи касбии бизнес-нақшаҳо бо такя ба омӯзиши амиқи бозорҳои минтақавӣ, ҷалби мутахассисони соҳибкасб, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, навсозии корхонаҳои бузурги мавҷуда, ворид намудани технологияҳои муосир ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ метавон имконият ва иқтидори воқеии сармоягузории минтақаро самаранок амалӣ намуд;

- дар диссертатсия маҷмӯи омилҳои муайян ва низомнок карда шудаанд, ки ба афзоиши ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон монеа эҷод менамоянд. Аз ҷумла, муаллиф ба рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, норасоиҳои заминаи институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, сатҳи баланди хавфҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, гаронии тарифҳои андозу гумрук, таъсирҳои эҳтимолии экологӣ аз густариши фаъолияти хоҷагидорӣ ва сатҳи нисбатан пасти сармояи инсонӣ ишора менамояд. Ҳамзамон, барои фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ ва афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ маҷмӯи тадбирҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, ташаккули қутбҳои рушд, рушди кишоварзии экологӣ, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, густариши коркарди амиқи маҳсулот, махсусан дар соҳаи пахтакорӣ ва саноати бофандагӣ, рушди хоҷагиҳои гармхонагӣ ва парвариши зироатҳои ситрусӣ, инчунин тақвияти бахшҳои истихроҷи маъдан,

саноати кимиё ва сохтмон ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ асоснок карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияи дар диссертатсия зикршуда.** Дар асоси таҳлили масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ муаллиф қайд менамояд, ки дар кишвар воситаҳои асосии рушди сармоягузориро самаранок истифода бурда, дар қаламрав иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва инноватсия муҳайё намоем. Аз ин лиҳоз, барои татбиқи манфиатҳои стратегии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ҷалби сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу берунии кишвар арзёбӣ гаштааст (с. 28).

Диссертант мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва минтақаро таҳлил намуда, дуруст қайд менамояд, ки сармоягузории хориҷӣ омили асосии рушди минтақавӣ мебошад. Ба туфайли онҳо технологияҳои муосир ҷорӣ карда мешаванд, ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд, инфрасохтор беҳтар мешавад, ки дар маҷмуъ ба пешрафт дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонад (с. 41).

Дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ таъкид менамояд, ки моҳияти сармоягузории хориҷӣ ба минтақаҳо дар қобилияти онҳо барои баланд бардоштани рушди иқтисодии маҳаллӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва такмили инфрасохтор, инчунин мусоидат ба мубодилаи технология ва дониш зоҳир мешавад. Ин боиси афзоиши истеҳсолот, афзоиши даромад ва андозҳо дар минтақа, беҳтар шудани некуаҳволии аҳолӣ тавассути ҷойҳои нави корӣ мегардад (с. 54).

Муаллиф бар он назар аст, ки барои минтақаҳои кишвар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ афзалият доранд. Онҳо барои бахши воқеии иқтисодиёт заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ ва технологӣ гузошта, ба соҳаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар равона мегарданд. Онҳо рушди соҳаҳои иҷтимоиро низ мусоидат менамоянд (с. 83).

Илова бар ин, унвонҷӯ дар асоси таҳлили таъсири сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ба хулосае омадааст, ки Ҷалби сармоягузории хориҷӣ метавонад ба диверсификатсияи иқтисоди минтақа тавассути коҳиш додани вобастагӣ аз бахшҳо ва захираҳои мушаххас мусоидат кунад. Инчунин, сармоягузориҳои ширкатҳои хориҷӣ метавонанд суботи молиявии минтақаро тавассути афзоиши заминаи молиявӣ ва ҷалби манбаъҳои нави сармоя беҳтар месозанд (с. 98).

Ба ақидаи муаллиф, рушди МОИ ҳамчун омили муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар минтақа ба ҳисоб рафта, сабабҳо, омилҳо ва монеаҳои рушди сусти МОИ аз инҳо иборат мебошад: камбудиҳо дар инфрасохтор, камбудиҳо дар захираҳои молиявӣ, маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва бюрократӣ, камбуди кадрҳои баландихтисос, мавҷудияти хавфҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, камбуди тарғибот ва маркетинг ва рақобат бо дигар минтақаҳои озод (с. 112-113).

Унвонҷӯ бар ин назар аст, ки дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта мусоидат намуда, рушди босуботи иқтисодии минтақаро таъмин менамояд. Бинобар ин, беҳтарсозии инфрасохтори минтақа барои ҳокимияти минтақавӣ самти муҳимми фаъолияти хеш ба ҳисоб меравад. (с. 127).

Илова бар ин, дар натиҷаи таҳлили маълумоти мавҷуда унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки барои ҷалби бомуваффақияти сармоягузорӣ, муҳим аст, ки мақомоти дахлдори давлатӣ муколамаи доимӣ ва мақсаднокро бо давлатҳои хориҷӣ, муассисаҳои байналмилалии молиявӣ, ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои хусусӣ нигоҳ доранд. Ин метавонад ташкили форумҳои сармоягузорӣ, презентатсияҳо ва миссияҳои тиҷорӣ, иштирок дар намоишгоҳҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ, инчунин музокироти дуҷониба ва ташкили платформаҳои иттилоотӣ ва машваратиро дар бар гирад. Ташаккули симои мусбати минтақа ҳамчун шарики боэътимод ва барои сармоягузорӣ кушода нақши махсус дорад (с. 145-146).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсионӣ ба амиқгардонии асосҳои назариявии хусусияти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар шароити рушди иқтисоди миллӣ равона шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот, ҳамчунин маълумоти оморӣ ва таҳлилии истифодашуда метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин дар кори вазорату идораҳои соҳавии кишвар ҳангоми таҳияи қарорҳо ва барномаҳои соҳа мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар истифодабарии тақвияти такмили иқтидори сармоягузориҳои хориҷӣ ҷиҳати ҳамворакунии фазоии минтақаҳои кишвар дар раванди коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷии ин соҳа метавонад хизмат намояд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар такмили ҷалби сармоягузории хориҷӣ, вижагиҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҷолибияти минтақа барои сармоягузориҳои хориҷӣ, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, матраҳ сохтани мушкилоти асосӣ ва усулҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили равандҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар минтақа асос меёбад.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар МТОК самти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, инчунин дар ҷараёни омӯзиши фанҳои марбут ба сармоягузорӣ ва молия, аз ҷумла «Асосҳои сармоягузорӣ», «Молия», «Арзёбии иқтисодии сармоягузорӣ», «Муносибатҳои

иқтисодии байналмилалӣ», «Сармоягузории хориҷӣ» ва дигар фанҳои тахассусӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ оид ба пешбурди ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, ҷалб ва идоракунии сармоягузорӣ, инчунин дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар ин самт мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гаридида ва 3 адад мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо чопшуда инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои таҳқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки он аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, рӯихати адабиёт, замимаҳо ва мақолаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 23 ҷадвал, 5 расм, 6 диаграмма, 2 замима ва 133 адабиёт оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Давлатзода Дилшод Шералӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мутобиқат мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ".** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мегардад, ки тамоми марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ мустақилона амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, интихоб ва асоснокунии мавзуъ, муайян намудани аҳамияти илмию назариявӣ, таҳияи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили вазъи мавҷудаи масъала, коркарди навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон бевосита аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада таҳлил, ҷамъбаст ва апробатсия гардида, саҳми мустақими муаллифро дар таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ инъикос менамоянд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати болозикр, ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд норасоию пешниҳодҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар таҳқиқот механизми такмилёфта дар шакли мукаммал ва васеъкардашуда оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба кишвар пешниҳод мегардид;

2. Гарчанде ки дар диссертатсия таҳлили фарогири назариявӣ ва оморӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон анҷом дода шудааст, хуб мешуд, агар барои амиқтар ва шаффофтар гардидани натиҷаҳои таҳқиқот аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ истифода бурда мешуд.

3. Дар кори диссертатсионӣ тамоюлҳои рушди сармоягузории хориҷӣ дар давраи таҳқиқотӣ таҳлил гардидаанд, аммо барои такмили арзиши амалӣ ва стратегияи пешниҳодшуда, мувофиқ мебуд, ки бахши алоҳида ба дурнамо ва пешгӯии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон диққат дода мешуд.

4. Ҳарчанд дар қисматҳои муайяни таҳқиқот масъалаи хавфҳо ва монеаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст, он ба таври умумӣ ва тавсифӣ ифодашуда ва ба шакли моделҳо ё нишондиҳандаҳои меъёрӣ таҳлил нагардидааст;

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботи мавҷуда мебошад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) тартиб дода шудааст, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия кори илмии асоснокгардидаи баитмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Давлатзода Дилшод Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
ректори МД «Донишкадаи байналмилалии
Данғара»-и МД Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафозода А.К.

Имзои Сафозода А.К.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси пешбари шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Шарипова Ф.

Суроға: 735320, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Исмат Шарифов 3, www.dbd.tj; E-mail: safoev@list.ru; Тел: (+992) 907733247